**Тақризи мушовири илмӣ**

доктори илми филология, профессор Хоҷаев Давлатбек ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст

Баъд аз нимаи дуюми садаи бистум омӯзиши масъалҳои мухталифи илми фразеологияи тоҷик қувват гирифта, дар ин бобат як даста асару мақолаҳои арзишманди илмӣ таълиф гардиданд. Дар ин таълифот вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ то андозае муқаррар гардида, он ҳамчун як навъи серистеъмоли воҳиди забонӣ эътироф гардид. Дар ин ҷода метавон аз заҳматҳои шоёну бесобиқаи муҳаққиқони забоншинос Ю.А. Рубинчик, Н. Маъсумӣ, М. Фозилов, С. Хушенова, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов ва дигарон ёдовар шуд, ки ба таври назаррас саҳми бевоситаи худро дар пажуҳиши хусусиятҳои забонии ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ гузоштаанд. Бо вуҷуди чунин дастовардҳои илмӣ ҳоло ҳам дар самти муқаррар намудани табиати забонии воҳиди фразеологӣ паҳлуҳои норушан зиёданд, ки пажуҳиши алоҳидаро талаб менамоянд.

Яке аз ҳамин гуна мушкилоте, ки дар пешорӯи олимони соҳа қарор дорад, муқаррар намудани сохтору мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва муайян кардани омилҳои тавлиддиҳандаи ин маъноҳо маҳсуб меёбад. Мутаассифона, то ҳол вобаста ба масъалаи зикршуда ба истиснои якчанд қайдҳои мухтасари номукаммал таҳқиқоти комилу густурдаи илмӣ ба анҷом нарасидааст. Ҳол он ки муқаррар шудааст, ки воҳиди фразеологӣ низ ба монанди дигар воҳидҳои забон аз ду самти асосӣ – сохтор ва маъно, таркиб меёбад. Ин ду ҷиҳат омилҳои асосӣ ва муҳимме ба ҳисоб мераванд, ки фразеологизмро ҳамчун воҳиди дорои нишонаҳои хоси забонӣ муаррифӣ мекунанд. Аз ин сабаб ҷиҳати сохторӣ ва мундариҷаи маъноии ҳама гуна воҳидҳои фразеологиро бе алоқамандӣ

бо якдигар муайян ва таҳлилу баррасӣ намудан ғайриимкон аст. Дар заминаи ҳамбастагии ин ду ҷанбаи асосӣ дар ифодаҳои рехта нишон додани омилҳои муҳимми бавуҷудоварандаи онҳо дорои аҳаммияти илмиву амалӣ мебошад.

Маълум аст, ки дар созмони воҳиди фразеологӣ ба сифати воҳиди яклухту устувор ба ғайр аз ҷиҳати сохтории он ҳамчунин ҷиҳати маъноии он низ мубрам арзёбӣ мешавад, ки дар ташаккули он накши воситаҳои тасвири бадеӣ хеле назаррас мебошад. Воситаҳои тасвири бадеӣ унсурҳое мебошанд, ки, асосан, ба образнокии воҳидҳои забон нигаронида шудаанд. Дар мундариҷаи дилхоҳ воҳиди забон, ки образнокӣ ба таври барҷаста ифода шуда бошад, ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ҳатман ҳузур дорад ва онҳоро бештар дар калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳо калима ва ифодаҳои рехтаеро ташкил медиҳанд, ки бо маънои маҷозӣ омада, образнокиро қувват мебахшанд ва муассирии нутқ ва забонро таъмин мекунанд. Навъҳои мустаъмали ин гуна воситаҳои тасвири бадеиро бештар муболиға (гипербола), истиора (метонимия), ташбеҳ (сравнение), тавсиф (эпитет), киноя (ирония) ва ғайра ташкил медиҳанд.

Мушаххас намудани низоми маъноии воҳиди фразеологӣ ва нишон додани қабатҳои маъноии он дар заминаи иштироки ин ё он воситаи тасвири бадеӣ метавонад воҳиди фразеологиро ба сифати воҳиди рехтаи дорои маънои ягона муаррифӣ намояд. Бояд ёдовар шуд, ки сари ин масъала то ҳол дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти мукаммали илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи диссертатсионии Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа зери унвони “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” аҳаммияти хосро соҳиб буда, дар илми забоншиносии тоҷик кӯшиши аввалин маҳсуб меёбад.

Маълум мегардад, ки дар ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ накши воситаҳои тасвири бадеӣ, аз қабили муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя хеле муҳим буда, зоҳиршавии

онҳо дар фразеологизмҳои гуногунсохт ба василаи маҷози забонӣ сурат мегирад. Маҷозӣ забонӣ бошад, бо як қатор хусусиятҳо аз маҷози бадеӣ фарқ дошта, инъикоси он дар воҳидҳои забон, бахусус воҳидҳои фразеологӣ, ба тариқи равшан сурат мегирад. Он дар сохтори фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ба сифати омили асосии тавлиддиҳандаи ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ва дар асоси онҳо бавуҷудоварандаи маъноҳои гуногун, аз қабили маънои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра мебошад. Маҷози забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ унсурест, ки ифодаи ғайривоқеии мафҳумро ба вуҷуд меорад ва чунин зоҳиршавӣ ҳатман ба тариқи ин ё он воситаи тасвири бадеӣ сурат мегирад. Мавҷудияти воситаи тасвири бадеӣ бошад, дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ин ё он маъноро ба вуҷуд меорад. Ин навъи маҷози забониро дар воҳидҳои фразеологӣ маҷози фразеологӣ номидан мумкин аст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Дустзода Ҳ.Ҷ. дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)», пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонанд ба сифати сарчашма дар таҳқиқи шохаҳои фразеология ва маъношиносии тоҷик ба таври густурда истифода шаванд. Ҳамзамон хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти фразеология, семасиология ва шинохти ҳунари эҷодии нависандагони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда истифода шаванд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ин нукта дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтор ва низоми маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ шохаи нави илми забоншиносӣ – лингвопоэтикаро, муаррифӣ менамояд. Ба таври дигар, пажуҳиши мазкур дар буриши ду илми муосири миллӣ –

забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ, рӯйи кор омадааст, ки чунин бархурд мувофиқ ба талаботи таҳқиқоти илмии замони муосир мебошад.

Қиммати илмиву назарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои бадстомада метавонанд назарияи илми маъношиносӣ ва фразеологияро вобаста ба муқаррар намудани мафҳуми маънои забонӣ ва навъҳои он, ҳамчунин низоми маъноии воҳидҳои фразеологӣ ғанӣ гардонанд. Аз он ки масъалаи меҳварии диссертатсияро мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳад, хулосаҳои бадастомада метавонанд назарияи илми адабиётшиносиро низ дар самти истифодаи санъатҳои бадеӣ дар воҳидҳои забон тақвият бахшанд. Хулосаҳои илмии аз диссертатсия бадастомадаро ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ ва докторӣ, инчунин таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб ва 57 фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, нақшаву гистограммаҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти илмии истифодашуда иборат буда, андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои сатҳи докторӣ ҷавобгӯ аст. Тавсияҳои амалии аз натиҷаи пажуҳиш баромада дар рушду инкишофи масъалаҳои мубрами маъношиносӣ, фразеология ва лингвопоэтика нақши муҳим дошта метавонанд. Монография ва мақолаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқ ба нашр расида, ки аксарияти онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, мазмуну муҳтавои кори диссертатсиониро инъикос намудаанд.

Бо ҳамин тариқ, диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои

воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи охирини диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Хулосаҳои бадастомада натиҷаи пажуҳиши мукаммали илмӣ буда, сохтори илмии диссертатсия ва фишурдаи он ба талаботи низомнома ҷавобгӯ мебошанд. Бо назардошти афзалиятҳои зикршуда, ҳамчун роҳбари илмӣ диссертатсияро ҷиҳати баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Мушовири илмӣ, доктори илми
филология, профессор Хоҷаев Д.

28-юми июни соли 2023

Имзои Хоҷаев Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«29» июни соли 2023.